**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна оиди ба мавзуи "Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зироати муҳими техникӣ ба шумор рафта, барои истеҳсоли ашёи хом, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръат нақши калидиро иҷро менамояд. Афзун гардидани истеҳсоли умумии пахта ва баланд бардоштани ҳосилнокии он бо истифодаи навъҳои нав ва дурагаҳои гетерозисӣ асосан амалӣ мешавад. Барои расидан ба ин ҳадаф диққати зиёд ба селексия ва тухмипарварии пахта дода мешавад.

Унвонҷӯ Разоқова Ф. С. бори нахуст таҳқиқотҳои худро дар шароити Тоҷикистони Марказӣ доир ба ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии $F_1$ ва $F_2$, ки дар мавриди дурагакунии навъҳои ватании серҳосили пахтаи миёнанах бо намунаҳои ҷуғрофии дур ба даст овардашудаю бо аломатҳои арзишноки селексионӣ тавсиф ёбандаро, таҳқиқ кардааст. Ҳамчунин дар шароити Тоҷикистон коэффитсиентҳои ирсияти дурагаҳои $F_1$ ва $F_2$ аз нигоҳи аломатҳои морфологӣ, физиологӣ ва хоҷагидорӣ муайян карда шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ Разоқова Фотима Сафармадовна коэффисиенти ирсиятро омӯхта таввасути нишондодҳо интихоби самаранокии намунаҳои беҳтаринро аз рӯйи ин аломатҳо нишон додааст. Ҳангоми дурагакунӣ ва интихоби шаклҳои беҳтарини навъҳои падарию модарӣ хусусиятҳои ирси ва коэффисиентиро ба назар гирифтааст. Дар равандҳои дигари таҳқиқот муаллиф аз рӯйи аломатҳои арзишноки хоҷагидорӣ интихобгардидаро исбот карда навъҳои қобилияти комбинатсионии умумии баланд дошта дар мавриди баҳодиҳӣ бо интихоби намунаҳои волидайнӣ ба сифати намунаҳои модарӣ дар таҷриба 4 навъи селексияи туркӣ: «Сахин-2000», «Наппа-122», «Аудин-110», «Назилли-84-S» истифода намудааст, ки онҳо дар соли 2015 дар парваришхонаи дурагаҳои $F_1$ «Сахин-2000», «Наппа-122», «Аудин-110» қобилияти умумии комбинатсионӣ зоҳир намудаанд.

Саҳмӣ муаллиф дар ҷамъ овардани натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидаи ӯ назаррас буда таҷрибаҳои саҳрой натиҷаҳои анҷомёфтаи илман асоснокшуда мебошад.

Доир ба мавзуи диссертатсия 17 - мақолаи илмӣ дар маҷмуи маводҳои конференсия ва семинарҳои гуногуни байналмилалӣ, аз он ҷумла 7- тои он дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, КОА – и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст, ба нашр расонида шудааст.

Кори диссертатсияи номзадии Разоқова Фотима Сафармадовна дар сатҳи баланди илмӣ ба иҷро расонида шудааст. Ҳангоми мутолиаи автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо ислошаванда буда, қимати кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

Дар асоси мазмуну мундариҷаи автореферат ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки кори таҳқиқотии Разоқова Ф.С., кори илмии бaанҷомёфта буда дар асоси талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Профессори кафедраи физиологияи растаниҳои
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисосӣ
03.01.05 - Физиология ва биохимияи растаниҳо — Эргашев А.

Имзои Эргашев А. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДМТ — Тавқиев Э. Ш.

22.11.23

Суроға:734025, шаҳри Душанбе
хиёбони Рӯдакӣ, 17; ДМТ. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел: (+992)221-77-11, тел/факс:227-15-10
info@tnu.tj,сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj